**Иқтибос аз протоколи № 4**
**Шӯъбаи флора ва систематикаи растаниҳои**
**Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ**

19 апрели 2022 с. ш. Душанбе

**Иштирок намуданд:** мудири шӯъба
Бобокалонов Қ., академик Ҳисориев Ҳ.Ҳ.,
н.и.б. Бобозода Б.Б., н.и.б. Қурбонова П.,
д.и.б. Бобоев М., н.и.б. Давлатов А.,
Аброров С., Хучаев М., Саъдиева Н.М.,
Шобулбулова С., Абдулфайзов А.,
Қуллаев Ш.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Баррасии рисолаи номзадии Мирсабуров Шавкат Мираҳматович оид ба мавзӯи диссертатсиониаш «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон»

2. Масъалаҳои ҷорӣ: Ҳисоботи Мирсабуров Шавкат Мираҳматович оид ба мавзӯи диссертатсионӣ «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон»

**Баромад кард**: Оид ба масъалаи якуми рӯзнома академик Ҳисориев Ҳ., ҷаласаро оғоз бахшида, суханро барои баромад ва зикри мушаххасоти натиҷаҳову дастовардҳои илмии рисола ба хатмкардаи аспирантураи институт, унвонҷӯ Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович вогузор намуд.

**Шунида шуд:** Баромади Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон» шунида шуд.

**Баромад намуданд**: Ходими пешбари илмии шӯъбаи Флора ва систематикаи растаниҳо, н.и.б. Қурбонова П.А. низ суханронӣ намуда,

дар баромади худ таъкид дошт, ки унвонҷӯ барои ба анҷом расондани таҳқиқоти худ заҳмати зиёд кашида, бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ дар соҳаи алгология рисолаи мукаммали илмӣ таълиф намудааст. Дар рафти кор намунаҳои обҳои гуногунро бо назардошти хусусиятҳои обсабзҳо мавриди омӯзӣ қарор дода, шумораи зиёде аз обсабзҳоро ошкор намудааст, ки барои шинохти бештари намуди обсабзҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад. Рисолаи номзадии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои номзадӣ дар самти мавзӯи таҳқиқшавада ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои назаррасро фарогир мебошад. Мавсуф ёдовар шуд, ки баръзе аз пешниҳод ва эродҳои худро, ба таври хаттӣ пешниҳод менамоям. Мавсуф дар интиҳои суханронии худ қайд кард, ки рисолаи Мирсабуров Ш.М кори арзишманди илмӣ буд, ба меъёрҳои таълифи рисораи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад. Бартараф намудани баъзе аз ғалатҳои забонӣ, ки гоҳ -гоҳ ба чашм расиданд, барои пешниҳод дар Шӯрои дифоъ манзур намудан мумкин аст.

**Роҳбари илмӣ. – д.и.б. Бобоев Мариё Тиллоевич:** Роҳбари унвонҷӯ – доктори илмҳои биологӣ Бобоев Мариё Тиллоевич низ фикру андешаҳои худро дар мавриди арзишу аҳаммияти рисолаи номзадии унвонҷӯ изҳори назар намуда, ба баромадкунандагон ва иштирокдорон изҳори миннатдорӣ кард. Мавсуф таъкид дошт, ки Мирсабуров Ш.М. кори илмиашро мустақилона иҷро намуда, дар натиҷа ба хулосаҳои хуби илмӣ расидааст. Мо барои бартараф намудани баъзе аз ғалатҳои ҷузъии рисола ба ӯ ёрии амалии худро расонида, кӯшиш менамоем, ки дар муддати кӯтоҳ ғалатҳо бартараф мегарданд ва рисола ба муҳокимаи байни Шуъба ва озмоишгоҳҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ пешниҳод карда мешавад.

Дар интиҳои ҷаласа академик Ҳисориев Ҳ.Ҳ., Қурбонова П., Давлатов А., Бобозода Б.Б. ба мазмуну мундариҷаи рисолаи номзадии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович баҳои баланд дода, ҷиҳати пешниҳоди он барои дифоъ мулоҳизаҳои худро манзур намуданд.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

Рисолаи номзадии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон» маъқул дониста шуда, баъдиислоҳи камбудиҳои мавҷуда баъди 1 моҳ ба муҳокимаи байни Шуъба ва озмоишгоҳҳои Институт пешниҳод карда шавад.

**Раиси комиссияи Шӯрои**
**илмии шӯъба, сарходими илмӣ- н. и. б.** **А. С. Давлатов**

**Котиб** **Н. М. Саъдиева**

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ